Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА – 017 назди институти
иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии
илҳои Тоҷикистон

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» иҷро карда шуда, барои гирифтани унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

**Муҳиммияти мавзӯи диссертатсия.** Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, солҳои 2021-2025 марҳилаи рушди суръатноке мебошад, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст. Дар ин марҳила «дар соҳаи гидроэнергетика ислоҳоте, ки таъмини шароитҳои кори механизмҳои бозор фазои рақобатнокро барои фаъолияти мавҷуда ба вуҷуд меоваранд ба анҷом мерасад. Ин давра барои пурра ба анҷом додани сохтмони ҶСК НБО "Роғун" ва таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар марҳилаи калидӣ мебошад. Бозори мутавозуни интиқоли барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташкил дода шуда, ҳамкории мутақобилан судманд дар ин самт фаъол гардонида мешавад". Воқаен ҳам дар марҳилаи нави рушд дар мамлакат як қатор хусусиятҳо ва шароити мусоид барои сармоягузорӣ барои сохтмони гидроэнергетикӣ рӯи кор омаданд, ки фазои сармоягузориро таҳким менамояд. Зеро, худи бозори энергитикӣ, нерӯи барқ дар марҳилаи рушд қарор дорад, талабот ба ин нерӯи стратегӣ на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он меафзояд. Илова ба ин истеҳсоли нерӯи барқ аз захираҳои бозтавлидшаванда, яъне об ва истеҳсоли нерӯи барқӣ аз нигоҳи экологӣ тоза ба таълимоти рушди устувор рост меояд. Бинобар он дар Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор барои давраи солҳои 2007-2030, ки 1-уми октябри соли 2007 таҳти №500 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст. Дурнамои рушди иқтисодиёти мамлакат дар пояи мавҷудияти иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ таҳрезӣ шудааст ва дар он инчунин маҷмӯи тадбирҳое, ки ба дастгирии сохтмони НБО-равона карда шудаанд, баррасӣ гардидааст. Вобаста ба ин принсипҳои асосии сиёсати сармоягузории давлатӣ такмил меёбад, ки бояд ба болоравии сатҳу сифати самарабахши танзими давлатии фаъолияти

сармоягузориро дар бахши гидроэнергетика мусоидат намояд.

Дар ин асос қайд намудан ҷоиз аст, ки бартараф намудани муаммоҳо ва монеаҳои дар боло зикршуда ва фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ, ба андешаи муаллиф, мукаммалгардонии методҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи гидроэнергетика тақозо менамояд. Аз ин нуқтаи назар муҳиммияти мавзӯи тадқиқшаванда муайян аст ва он хеле саривақтӣ мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда метавонанд дар баландбардории самаранокии фаъолияти идоракунии соҳаи гидроэнергетика ва сармоягузориҳо дар он истифода шаванд. Истифодаи баъзе муқаррароти таҳқиқоти диссертатсионӣ ба густариши дониш дар соҳаи назарияи такмили гидроэнергетика, асосноккунии методология ва фишангҳои системаи таҳлил ва такмили он, муайян намудани самтҳои стратегии баландбардории самаранокии гидроэнергетикӣ ва мукаммалгардонии механизми танзими давлатӣ бо мақсади рушди система дар шароити кунунии ислоҳоти соҳаи энергетика мусоидат мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар зери мафҳуми фаъолияти сармоягузорӣ дар таҳқиқоти иқтисодӣ диққати зиёд дода шудааст. Дар ин самти тадқиқот ҳам олимони хориҷӣ ва ҳам ватанӣ кор кардаанд ва кор карда истодаанд. Ҳамзамон, дар адабиёти иқтисодӣ дар бораи мафҳумҳои "сармоягузорӣ", "фаъолияти сармоягузорӣ", "механизми сармоягузорӣ" ва ғайра ягон созиш вуҷуд надорад. Мафҳуми «фаъолияти сармоягузорӣ» бо мафҳуми «раванди сармоягузорӣ» алоқамандии зич дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ таърифҳои гуногуни фаъолияти сармоягузорӣ мавҷуданд (саҳ.10).

Дар автореферат муаяйан карда шудааст, ки рушди соҳаи энергетика дар ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои стратегии муҳими давлатӣ мебошад, ба ҳамин хотир сармоягузорӣ ба ин соҳа нақши муҳимро мебозад, зеро дар сурати мавҷуд набудани ҷараёни устувори сармоягузорӣ, барои рушди дигар соҳаҳои иқтисодӣ мушкилотҳо эҷод мегарданд. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди кишвар яъне расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ бо нерӯи барқ нигаронида шудаанд. Бинобар он дар мамлакат афзудани ҳаҷми сармоягузорӣ вобаста ба ҷойгиршавии захираҳои гидроэнергетикӣ ба чашм мерасад (саҳ.15, ҷадв.1).

Дар ин замина, диссертант кушиш кардааст, ки эҳтимолияти пайдоиши хавфҳои сармоягузорӣ, тартиб додани руйхати хатарҳо, муайян намудани неруи хавфу хатарҳо ва сатҳи таъсири он ба раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, эҳтимолияти сар задани онҳо ва ғайраҳоро тақозо менамояд, таҳлили пурра

намудааст. Дар диссертатсия руйхати хавфҳои сармоягузориро дар сохтмон объекти гидроэнергетика, сохтмони НБО дар мавзеи “Сухоб”-и ноҳия Фархор бо иқтидори 1280 кВА, ки дар ҳаҷми 11000 ҳазор сомони пешбинӣ шудааст, муайян карда шудааст (ҷадв. 7, саҳ. 22).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо, ки таҳия шудаанд, натиҷаҳои асосиҷ таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон дода шудаанд. Дар мақолаҳои чоп карда шуда нуктаҳои асосии диссертатсия ба нашр расидаанд.

Дар автореферат баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо дида мешавад:

1. Дар автореферат механизми такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетика ба тавре муккамал инъикос нагардидааст.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» иҷро карда шуда, барои гирифтани унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод гардидааст, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

**Муқарриз:**
**д.и.и., профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** _______________ **Набиев Т.Т.**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ